# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст.**

Фалсафаи муосир имруз бо дастовардҳои тамоми илмҳои замона – ҳам илмҳои дақиқ ва ҳам ҷомеашиносиву инсоншиносӣ вобастагии зич дорад. Яъне, хусусияти асосии фалсафаи муосир ин робита бо илмҳои замонавӣ мебошад. Вале бояд гуфт, ки тамоми ин илмҳо бар як замина (парадигма) асос меебанд ва ин ҳам тасвири илмии олам мебошад. Тасвири илмии олам бошад, бешакк, тавассути мафҳумҳои илмиву фалсафӣ, аз ҷумла, муҷаррад, хосс ва кулл анҷом меебад. Ин чунин маъно дорад, ки тамоми ҳавоиси табиат, ҷомеа, худшиносии инсон бо ин мафҳумҳо метавонанд мавриди таҳқиқу таҳлили фалсафӣ гарданд. Бинобарин, кори диссертатсионии Субҳонзода С.И. таҳқиқоти муҳимм барои фалсафаи муосири тоҷик мебошад. Аз мундариҷаи автореферат маълум аст, ки ин таҳқиқот серҷабҳа аст, зеро ташаккули тасвири оламро аз давраи қадим то ба давраи муосир дар бар мегирад. Зиёда аз ин муаллиф такомули ин масъаларо ҳам дар мактабҳои фалсафии Ғарб ва ҳам дар мактабҳои фалсафии Шарқ баррасӣ кардааст, ки ин аз хусусияти ҷидди ва фундаменталӣ доштани кор гувоҳӣ медиҳад. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки тасвири илмии олам дорои сохтори сеқабатаи онтологӣ мебошад: қабати ҷисмонӣ (моддӣ), қабати органикӣ (ҳаётӣ) ва қабати маънавию таърихӣ (шахсӣ ва иҷтимоӣ), ки ба тартиби мураттаб дар фалсафа ҳамчун сатҳҳои мураккаби ҳастӣ дарк мегарданд; шакли ягонагии олам тавассути маҷмуи унсурҳо, равандҳо ва сохторҳои гуногун зоҳир мешавад, ки дар тафсири муосири фалсафӣ ин шаклҳо тавассути мақулаҳои умумӣ ва муҷаррад ифода меёбанд; тасвири олам ҳамчун

тасаввуроти сохторӣ ва категориявӣ, дар худ се ҷанбаи бунёдӣ дорад: онтологӣ (ҳастишиносӣ), гносеологӣ (маърифатшиносӣ) ва ҷаҳонбинӣ (тасаввуроти умумии инсон дар бораи олам); мақулаи кулл ҳамчун асоси категориявӣ, муттаҳидкунандаи гуногунии воқеият мебошад. Он инъикоси умумияти шаклҳои ҳастӣ дар низоми ягона мебошад; мақулаи махсус нақши пайвандгари байни кулл ва муҷаррадро иҷро мекунад. Он дар равандҳои воқеӣ ба таври миёна инъикосгари хусусиятҳои гурӯҳии падидаҳо мебошад; мақулаи муҷаррад шакли олии таҷассуми умумият дар заминаи фактҳои воқеии инфиродӣ мебошад, ки барои дарки мавҷудияти инфиродӣ ва шахсӣ замина фароҳам месозад; байни ин се мақула робитаи мантиқии сохторӣ ва системавӣ вуҷуд дорад: кулл тавассути махсус ва муҷаррад дар таҷриба ва тафаккур амалӣ мешавад.

Ин ақидаҳои диссертант шаҳодат медиҳанд, ки ӯ масъалаи баррасишударо ба хубӣ дарк кардааст ва аз ҷиҳати илмиву фалсафӣ асоснок кардааст. Хулосаи муҳимми диссертант, аз назари мо, ин аст, ки ӯ исбот кардааст, ки мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад на танҳо абзорҳои мантиқӣ, балки воситаҳои ҷаҳонбинӣ мебошанд, ки барои шинохти олам, ҷомеа ва инсон аҳамияти бунёдӣ доранд ва зиёда аз ин, фалсафа вазифаи методологӣ ва роҳнаморо дар шароити буҳрони маърифати илмӣ иҷро мекунад, ки иборат аз ташкили фарзияҳои нави берун аз доираи донишҳои расмии илм мебошад. Дар таҳқиқоти худ диссертант тавонист нишон диҳад, ки дарки фалсафии тасвири олам дар заминаи методологияи таҳлили категорияҳои бунёдӣ шароити мусоид фароҳам менамояд, ки дар он ҷаҳон ҳамчун сохтори мураккаби маърифатӣ ва онтологӣ бо низом фаҳмида ва таҳлил мегардад. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки тасвири олам на танҳо ҳамчун маҷмуи тасодуфии падидаҳо, балки ҳамчун низоми ҳамбастаи маърифатию вуҷудӣ баррасӣ шавад.

Диссертант хулосаҳои амиқи худро дар асоси омухтани адабиёту сарчашмаҳои зиёди илмӣ-фалсафӣ иброз медорад ва вазифаҳои

таҳқиқотро мантиқан дуруст пешкаш карда, дар бобхо ва параграфҳои кор онҳоро муфассал таҳлил менамояд.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки масъалаи ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта, ки объекти таҳқиқоти Субҳонзода С.И. мебошад, пай дар пай бо нигоҳ доштани пайвастагии мантиқии байни бобҳову параграфҳо баррасӣ шудааст. Муаллиф ақидаҳо ва хулосаҳои шахсии худро бо далелҳо исбот намудааст, ки арзиши илмии корро бештар менамояд.

Маводи диссертатсия бешак аҳамияти амалӣ низ дорад ва он метавонад дар китобҳои дарсии фалсафа истифода шуда ба такмили ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии донишҷуён мусоидат намояд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда дар автореферати диссертатсияи Субҳонзода С.И якчанд норасогиҳои ҷузъӣ низ дида мешаванд:

1. Барои пешрафти ояндаи кор пешниҳод мекунем, ки таҳқиқоти намояндагони илмҳои дақиқи муосир, ки дар тасвири илмии олам саҳми арзанда доранд, мавриди омузишу таҳлили диссертант қарор гиранд, то ки дарки фалсафии ин масъала амиқтар гардад.
2. Барои пешрафти ояндаи кор пешниҳод мекунем, ки таҳқиқоти файласуфони тоҷики давраи шуравӣ ва муосир, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи тасвири олам ва шаклҳои он бо истифода аз мақулаҳои фалсафӣ таҳқиқот анҷом додаанд, амиқтар омухта шаванд.
3. Вобаста ба мундариҷа, саволе ба миён меояд, ки маълум аст, ки дар ташаккули тасвири илмии олам нақши илмҳои табиатшиносӣ зиёд аст, пас илмҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ дар ин раванд чи саҳм доранд?

Норасогиҳои ҷузъӣ ва пешниҳодҳо арзиши илмии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои марбути Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори

Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295), мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои фалсафа, дотсент,
декани факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Зикирзода Ҳ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Мехкалон 50, хонаи 50/ А
Тел.: (+992) 918 85 40 54

Имзои Зикирзода Ҳобилро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С

**Суроғаи муассиса**:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121
Тел.: (+992-37) 2241383
E-mail: tgpu.tj
22 ноябри соли 2025